ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ))

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ” баҳри таъмини низоми босифати таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ бо назардошти ихтисоси донишҷӯёни риштаи «Таърих ва ҳуқуқ” ба анҷом расонида шуда, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқати комил дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати таълим маҳсуб меёбад. Зиёда аз ин омода кардани мутахассиси соҳибилм ва соҳибмаълумот дар заминаи хуб ва дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, доро будан ба малакаҳои хуби ҳуҷҷатнигорӣ, соҳиби фарҳанги баланди суханварӣ ва тафаккури нутқи бофасоҳат ва равшанбаён будани ӯ арзёбӣ мегардад.

Ғояи мазкур ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумон ва кулли мардуми Тоҷикистон барҷаста ва таъкидан зикр мегардад. Чунин гузориши масъала ва ҳидоятҳои сарвари муаззами мамлакат падидаи воқеист, зеро пешрафти ягон кишварро бе пешрафти илму маориф ва хосатан донистани забони давлатӣ ва фарҳанги миллӣ тасаввур карлдан берун аз имкон аст.

Аз ин лиҳоз баррасӣ ва коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар, ба низом даровардани маҷмӯи васоити таълимию методӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ, пешниҳоди роҳу усули самарабахши омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз масъалаҳои мубрам ва муҳим маҳсуб меёбад.

Дар кори диссертатсионии Каримова Дилором Отахӯҷаевна эҳтиёту эҳтиром ва омӯзиши ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ аз вазифаҳои муқаддас арзёбӣ шудааст. Андешаи муаллифи рисола дар хусуси он, ки забони модарӣ оғозгоҳи ҳама оғозҳост, асоси маънавият, фарҳанги аслӣ ва ҳақиқии ботини ҳар фарди ватандӯст ва меҳанпарвар, худшиносии иҷтимоиву ахлоқии узви ҷомеа аст. Бино бар гуфтаи муаллифи рисола, забони тоҷикӣ чун забони давлатии халқи тоҷик ва миллати болобаланди тоҷик дар масири таърих пасту баландиҳои зиёдеро паси сар карда, равишу равияҳои гуногунро санҷидаву омӯхта ба сифати як забони комил ва тавонои тамаддуни олам ва фарҳанги миллӣ то замони мо расидааст. Муҳаббат ба забони модарӣ ва фарҳанги ниёкон, эҳтирому эҳтиёти забон муҳаббат ба ватани маҳбуб аз рисолатҳои олии ҳар шахси худогоҳ ва поквиҷдон аст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки дар замони муосир талабот ба баландшавии сифати дониш, маҳорат ва малакаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ рӯ ба афзунӣ мениҳад. Аз бар намудани донишҳои тахассусӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он ташаккули маҳорати суханварӣ ва муоширати озод ва фасеҳ дар доираи ихтисос, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ маҳсуб меёбад. Вазифа аз он иборат аст, ки омода намудани мутахассиси босаводи дорои сифатҳои баланди маърифат ва маънавият аз рушди тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудани ӯ ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бармеояд.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-методии таҳқиқот аз манзари **фарзияи** асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯёни ихтисоси таърих, таърих ва

ҳуқуқ вақте самарабахш мегардад, ки агар раванди омӯзиши ин фан дар заминаи матнҳои тахассусӣ роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятмандии забонӣ, коммуникативӣ-иртиботӣ ва ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби донишҷӯён дастрас гардад. Чунин пиндор ва пешбинӣ ба муаллиф имкон додааст, ки сохтор ва мундариҷаи рисоларо дар робита ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар аз нигоҳи роҳу усули ҷадид ва санҷидашудаи илми таълиму тадрис тарҳрезӣ ва ба анҷом расонад.

Ба андешаи муаллиф, дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, шиносоии комил бо истилоҳоти тахассусӣ, дарки мутуни ихтисос, малакаи кор бо сарчашмаҳои илмӣ, азбар намудани асосҳои имло ва ҳуҷҷатнигорӣ муҳим буда, мундариҷаи ҳар як мавзуи дарс тавре бояд муайян гардад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ - мутахассиси оянда ташаккул ёбад.

Дар диссертатсия ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи донишҷӯён арзёбӣ шудааст, ки комилан дуруст аст. Низоми мазкур дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав маҳсуб ёбад ҳам, чуноне ки муаллиф дар диссертатсия изҳор медорад, он дар афкори педагогии мардуми мо асрҳои аср инҷониб пойдору устувор аст ва бояд гуфт, ки муносибати босалоҳият ба таълим тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолмандии шахсияти омӯзанда амалӣ мегардад.

Боиси зикр ва тавсифи унвонҷӯй аст, ки амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои таълимии тахассусӣ ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативии муҳассилин роҳи васеъ мекушояд ва

омодагии донишҷӯёнро дар робита бо технологияҳои муосири педагогӣ ва фаъолнокии инфиродии муҳассилин таъмин менамояд.

Таҳқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таҳти унвони «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ» робитаи қавӣ дошта, дар доираи "Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Тоҷикистон то давраи соли 2030" ба иҷро расидааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикиро дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика дарбар мегирад.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи муқарраршуда ҳалу фасли проблемаҳои муҳимро бобати дарёфти роҳу усули самараноки таълими забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ пеш гирифта, зимни таҳлили адабиёти методӣ, педагогӣ ва психологӣ ба ташаккули малакаҳои гуфтор, навиштор ва иртиботи коммуникативии донишҷӯёни риштаи таърих ва ҳуқуқ муваффақ шудааст. Чунин услуби таҳкик ва пажуҳиш ҳалли муваффақонаи масъаларо ба қатори арзишҳои муҳимми рисолаи мазкур гузоштааст.

Дараҷаи навгонӣ ва натиҷаҳои дар кори диссертатсионии мазкур бадастомада, нуктаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, қобили зикр ва эътибору арзёбӣ мебошанд. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои илмӣ-амалии пешниҳоднамудаи муаллиф бозгӯи онанд, ки ӯ ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаро пурра ҳаллу фасл кардааст ва дар ин росто фарзияи илмии муқарраршуда тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, таҳлилу баррасии ғояи илмӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои

умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда нуктаҳои муҳимро собит месозанд. Аз ҷумла, матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ таҳқиқ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола, лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми ҷудогона бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш - муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ ба иҷрои асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хос пайдо мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маҷмӯи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, дар ташаккули инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯёни ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ» муассир буда, дар самти салоҳияти забонӣ ва коммуникативии онҳо саҳми босазо дорад. Маводи дидактикии дар рисола ва махсусан дар қисмати замима ҷойёфта ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва машғулиятҳои амалӣ ёрии калон мерасонад.

Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия ба суоли мантиқии: “Матн чист ва он аз нигоҳи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олӣ ҳамчун категорияи методӣ чӣ гуна бояд роҳандозӣ гардад”, ҷавоби мушаххас дода шудааст. Дар рисола матнҳои тахассусӣ ҳамчун воситаи тавонои муошират дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита ба принсипҳои муҳимми дидактикӣ роҳандозӣ шудааст.

Самаранокии методологияи интихобшуда бо маълумоти санҷиши озмоишӣ-назоратӣ собит гардида, имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ ва рушди маданияти нутқи муҳассилин вусъат ва таҳким бахшида шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда** тавассути дақиқ будани асосҳои методологӣ ва назариявӣ; таҳлили ҳамаҷониба ва баҳисобгирии вазъи воқеии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологии

макотиби олии кишвар зимни интихоби консепсияи таълими забон, мувофиқати методҳои таълим ба мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқ; хусусияти маводи таҷрибавӣ; санҷиши озмоишии фарзия ва тасдиқи муваффақонаи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ дар раванди эксперимент; эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашуда; таҷрибаи кории бисёрсолаи муаллифи рисола дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ; коркарди маълумотҳои озмоишӣ тавассути методҳои омори риёзӣ таъмин карда шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои мукаммалкунанда, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун устоди кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва фарзияи таҳқиқот мувофиқанд, арзёбӣ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути маърӯза ва гузоришҳо дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, нашри мақолаҳои илмӣ, тезисҳо, маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмии аспирантҳо ва довталабон, конфронсҳои таълимӣ ва методӣ баррасӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди машғулиятҳои таълимӣ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Академия таҳсилоти Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия зиёда аз 20 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 номгӯй аз онҳо дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Чунончи, тартиби таҳияи диссертатсия ва

автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад ва тасаввуроти амиқро оид ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф собит месозад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо услуби илмии забони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати Каримова Д.О. аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия манфиатбахш хоҳад шуд:

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

1. Дар рисола таҳлили фаъолияти омӯзгорони забони тоҷикӣ ва муҳассилини факултетҳои ғайрифилологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз нигоҳи таълими босифат ва босалоҳияти фанни “Забони тоҷикӣ” ба мушоҳида нарасид. Хуб мебуд агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони ин фан, сатҳ ва дараҷаи забономӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои гуногун, доираи истифода аз роҳу усули пешқадами таълими забони тоҷикӣ дар муқоиса бо мактабҳои олии дигар мавриди тахлил ва муқоиса қарор мегирифт.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни “Забони тоҷикӣ”-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, зеро чунин амал ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷӯстуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами таълиму тадрис фароҳам меовард.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расидааст. Унвонҷӯ ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ноил шуда, вазифаҳои дар рисолаи илмӣ гузошташуда пурра ҳалу фасл ёфтаанд ва дар ин росто фарзияи таҳқиқот тасдиқи комили худро пайдо кардааст.

Диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)) ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферетҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримова Дилором Отахӯҷаевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ**

узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шербоев Саидбой**

30 марти соли 2024

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 734064, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадлиев, 17/6
**Телефон:** (992) 90 822 55 59 (моб.).
**Почтаи электронӣ:** snegmasi22@gmail. com

Имзои С.Шербоевро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кадрҳо ва қисми махсуси
Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.